# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа. - шаҳри Душанбе, соли 2025**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи доктории Каримов Аслам Азамжонович таҳти унвони «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ)» пурра ба ихтисоси 09.00.03 — Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад. Диссертатсия бо омӯзиши масоили калидии ҳастишиносӣ, таҳлили мактабҳои фалсафӣ ва ирфонӣ ва баррасии ҷойгоҳи онҳо дар таърихи тафаккури миллӣ ва ҷаҳонӣ ҳамоҳанг буда, ба рушди минбаъдаи соҳа саҳм мегузорад.
2. **Мубрамияти мавзӯи таҳқиқ.** Масъалаи ҳастишиносӣ дар анъанаҳои фалсафаи машшоияи шарқӣ ва ирфони тоҷику форс яке аз бахшҳои ҳассос ва кампажӯҳишёфтаи тафаккури асримиёнагӣ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди он ки таҳқиқоти ҷудогона доир ба таърихи фалсафа ва тасаввуф анҷом пазируфтаанд, баррасии муфассал ва низомманди ҳампайвандии ин ду мактаб дар заминаи масоили ҳастишиносӣ то ҳол дар маркази таваҷҷуҳи илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар шароити имрӯз, ки эҳёи арзишҳои миллӣ ва тақвияти худогоҳии фалсафӣ аҳаммияти хос касб намудааст, бознигарии осори фалсафию ирфонии асрҳои миёна зарурати илмӣ ва фарҳангӣ мебошад. Омӯзиши муқоисавии таҷрибаи машшоия ва тасаввуф имконият медиҳад, ки решаҳои назариявии ҷаҳонбинии миллӣ равшантар гардад ва замина барои таҳкими худшиносии маънавию фарҳангӣ фароҳамояд.

Ғайр аз ин, мубоҳисаҳои байни мактабҳои фалсафии асримиёнагӣ, аз ҷумла машшоия, калом, ишроқ ва тасаввуф, на танҳо ба рушди тафаккури мантиқӣ ва назариявӣ, балки ба ташаккули фарҳанги маънавии тоҷику форс таъсири амиқ гузоштаанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиши муосири онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо саҳми тоҷикон дар рушди тафаккури башарӣ равшан гардад, балки робитаҳои фалсафаи миллӣ бо мероси ҷаҳонӣ низ бозтоб ёбанд.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуъ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он ба яке аз самтҳои камомӯхта ва ҳамзамон калидии таърихи фалсафаи миллӣ тааллуқ дошта, таҳқиқи он ба ғанигардонии илми фалсафа, фарҳангшиносӣ ва ирфоншиносии муосир мусоидат менамояд.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант дорои хусусияти навоварона буда, ҳадафи асосии он омӯзиши муфассал ва муқоисавии равобити фалсафаи машшоия ва тасаввуф дар сатҳи ҳастишиносӣ мебошад. Агар дар таҳқиқоти қаблӣ яке аз ин равияҳо ҷудогона баррасӣ мешуд, дар ин рисола таъсири мутақобилаи онҳо дар шакли низомманд мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Навоварии рисола пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки диссертант:

- муносибати мафҳумҳои калидӣ чун ҳастӣ ва нестӣ, моҳият ва вуҷуди воқеӣ, ҳамчунин мароҳили сайру сулук ва мафҳуми инсони комилро бо равиши муқоисавӣ таҳлил намудааст;
- ирфони Ибни Синоро ҳамчун шакли хоси ирфони фалсафӣ шарҳ дода, нишон медиҳад, ки чӣ гуна ӯ тавассути таҳлилҳои мантиқӣ ва мафҳумҳои «ақли фаъол» ва «иттиҳоди ақлӣ» роҳ ба сӯи маърифати илоҳӣ мекушояд;
- робита ва зиддиятҳои дохилии ду равияи асосӣ – машшоияи шарқӣ ва тасаввуфро равшан сохта, нишон медиҳад, ки маҳз ин ҳамбастагӣ сабаби рушди минбаъдаи тафаккури мантиқӣ ва ҳамзамон густариши тасаввуф дар асрҳои минбаъда гардид;

- паҳлуҳои иҷтимоиву фарҳангии ин таълимотро мавриди баррасӣ қарор дода, аҳаммияти онҳоро дар ҳалли буҳронҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаҳои муосир нишон медиҳад;
- модели ҳастишиносии машшоияро бо такя ба мантиқ ва бурҳон ифода намуда, бо фарқгузорӣ миёни ҳастии зарурӣ ва ҳастии мумкин заминаи нави таҳқиқи воқеиятро пешниҳод кардааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ба дастомада ҳосили таҳқиқи мустақили муаллиф буда, дорои арзиши назариявӣ ва методологӣ мебошанд ва метавонанд ба рушди минбаъдаи илми фалсафаи миллӣ ва омӯзиши ҳамбастагии он бо фарҳанги ҷаҳонӣ саҳмгузор бошанд.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия бо такя ба манобеи аслӣ, таҳқиқоти илмии пешина ва таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавӣ ба даст омадаанд, ки ба онҳо дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебахшад. Диссертант дар раванди кор миқдори зарурии маводи таърихӣ, фалсафӣ ва фарҳангиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро бо усули илмӣ коркард кардааст.

Истифодаи манбаъҳои гуногун, аз ҷумла осори аслӣ ва тадқиқоти муосири муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ, боиси он гардидааст, ки хулосаҳо асоси мустаҳкам пайдо намоянд. Натиҷаҳои баёншуда дар раванди таҳқиқ аз санҷиши мантиқӣ ва муқоисавӣ гузашта, бо тавзеҳоти возеҳ ва истидлолҳои илмӣ тасдиқ шудаанд.

Ғайр аз ин, бархе аз натиҷаҳо дар нашрияҳои илмӣ ва мақолаҳои муаллиф инъикос ёфта, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мавриди баҳогузорӣ қарор гирифтаанд, ки ин худ нишондиҳандаи эътимоднокӣ ва арзиши назариявии онҳо мебошад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки натиҷаҳои бадастомада бо дараҷаи баланди устувории илмӣ фарқ карда, қобилияти татбиқ ва истифодаи минбаъдаро доранд.

Хулоса ва тавсияҳои диссертант ба далелҳои муътамад, таҳлили фарогир ва муқоисавии манбаъҳои классикӣ такя доранд, ки ба онҳо эътимоднокии илмӣ мебахшад. Муаллиф бо истифода аз манобеи аслӣ ва пажӯҳишҳои муосир тавонистааст, ки робитаҳои назариявии байни машшоияи шарқӣ ва тасаввуфро дар доираи масъалаҳои ҳастишиносӣ бо далелҳои дақиқ асоснок намояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ дар раванди иҷро комилан ифшо гардида, натиҷаҳо бо таҳлилҳои системавӣ ва муқоисавӣ тасдиқ шудаанд. Ин равиш ба хулосаҳо вазни илмӣ бахшида, нишон медиҳад, ки онҳо танҳо бар пояи андешаҳои назариявӣ не, балки бар асоси далелҳои мустаҳкам ва таҳлилҳои мантиқӣ устувор шудаанд.

Ҳамзамон, тавсияҳои пешниҳодшуда дорои заминаи амалӣ мебошанд, зеро муаллиф аҳаммияти омӯзиши масоили ҳастишиносиро на танҳо барои рушди назарияи фалсафа, балки барои ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир нишон додааст. Ба ин васила, хулосаҳо ва тавсияҳои рисола метавонанд ҳамчун роҳнамо барои омӯзиши минбаъдаи равобити фалсафӣ ва ирфонӣ, инчунин барои татбиқ дар муҳити илмӣ ва таълимӣ истифода шаванд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд. Диссертатсия аз рӯи ҳаҷм ва тарҳбандӣ ба талаботи меъёрии корҳои илмии дараҷаи докторӣ мутобиқ мебошад. Асар аз муқаддима, чор боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати муфассали адабиёт иборат аст. Дар маҷмуъ, таҳқиқот дар ҳаҷми 470 саҳифа анҷом ёфтааст, ки бо 420 номгӯйи манобеи илмӣ такмил меёбад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯхташавӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, арзиши назариявию амалӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда шарҳ дода шудаанд.

Бобҳои асосӣ ба таҳлили назариявию таърихии масъалаҳои ҳастишиносӣ, омӯзиши андешаҳои фалсафии машшоия ва тасаввуф, ҷанбаҳои ирфонӣ ва таҷрибавии онҳо, инчунин муқоисаи низоми категорияҳои онтологӣ бахшида шудаанд. Ҳар боб дорои сохтори мантиқӣ ва пайдарпай буда, натиҷаҳои хосро ба миён мегузорад.

Хулоса, маҷмуи дастовардҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар бар гирифта, хосият ва аҳаммияти онҳоро барои рушди минбаъдаи илми фалсафа муайян месозад. Рӯйхати адабиёт низ ба таври фарогир тартиб дода шуда, манбаъҳои аслии классикӣ ва тадқиқоти муосирро дар бар мегирад.

**Боби якуми диссертатсия** ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии ҳастишиносӣ бахшида шудааст. Ҳадафи асосӣ аз он иборат аст, ки мафҳумҳои калидии «ҳастӣ» ва «нестӣ», «моҳият» ва муносибати онҳо бо тафаккур дар заминаи манбаъҳои фалсафии классикӣ таҳлил карда шаванд. Диссертант бо такя ба осори файласуфони машшоъ нишон медиҳад, ки «ҳастӣ» ҳамчун категорияи умумии фалсафӣ берун аз доираи категорияҳои Арасту қарор дорад ва «моҳият» ҳадду марзи онро муайян мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ собит месозанд, ки муаммои «нестӣ» дар фалсафаи асримиёнагӣ ва муосир яке аз масъалаҳои калидӣ боқӣ монда, бо «ҳастӣ» робитаи диалектикӣ дорад. Муаллиф инчунин муайян намудааст, ки тавассути баррасии сохторҳои устувори вуҷуд ва муносибати онҳо бо шуур ва тафаккур, файласуфон ба метафизика рӯ овардаанд. Дар натиҷа, онтология ҳамчун асоси ниҳоии дониши фалсафӣ муаррифӣ гардида, ба худшиносӣ ва худсобиткунии ақли инсон замина фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, боби аввал пояи назариявиро барои таҳқиқи минбаъдаи робитаҳои машшоия ва тасаввуф фароҳам месозад.

**Боби дуюми диссертатсия** ба омӯзиши маърифати ҳастӣ дар таълимоти мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик (асрҳои X–XII) бахшида шудааст. Ҳадафи асосӣ аз он иборат аст, ки таъсири шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра ба ташаккули андешаҳои фалсафии машшоия ва тасаввуф муайян гардад. Диссертант нишон медиҳад, ки мафҳуми «ҳастӣ» дар ин замина танҳо як масъалаи назариявӣ набуда, балки ҷавоб ба ниёзҳои маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа будааст. Дар таҳқиқ равшан мешавад, ки таназзули хилофати Аббосиён ва эҳёи фарҳангии сулолаи Сомониён ба густариши андешаҳои мантиқӣ ва ирфонӣ замина фароҳам овардааст. Ҳамзамон, мавқеи мактабҳои динӣ-фалсафӣ — калом, мӯътазилия, исмоилия ва ишроқ дар ташаккули тасаввуроти онтологӣ бо далелҳои мушаххас таҳлил шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки баҳсу муҷодалаҳои фирқавию мазҳабӣ дар бораи таносуби Худо, олам ва инсон ба таҳаввул ва рушди минбаъдаи фалсафа мусоидат кардаанд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ин боб нишон медиҳанд, ки равандҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ташаккули афкори фалсафӣ нақши ҳалкунанда бозида, барои густариши мактабҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон аҳаммияти таърихӣ доштаанд.

**Боби сеюми диссертатсия** ба таҳқиқи масъалаи ҳастишиносӣ дар таълимоти тасаввуф бахшида шудааст. Ҳадафи асосӣ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои маърифати ирфонӣ ва ҷанбаҳои ирратсионалии он дар шинохти ҳастӣ ошкор гарданд. Диссертант нишон медиҳад, ки ирфон бо такя ба таҷрибаҳои ботинӣ, эҳсосоти рӯҳӣ ва шуҳуди қалбӣ роҳи алтернативӣ ба шинохти фалсафии ақлонӣ пешниҳод мекунад. Дар таҳқиқ қайд мегардад, ки ирфони назарӣ ва амалӣ, мафҳумҳои «сайру сулук», «мақом», «ҳол» ва «инсони комил» дар ташаккули ҷаҳонбинии сӯфиёна нақши калидӣ доранд. Муаллиф ҳамчунин робита ва ихтилофи андешаҳои тасаввуф бо калом ва дигар равияҳои исломиро мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳо собит месозанд, ки ирфон ба наздиксозии илм ва дин мусоидат намуда, барои муайян кардани умумиятҳои таҷрибаи динии инсоният саҳми назаррас гузоштааст. Дар маҷмуъ, боби сеюм аҳаммияти таърихӣ ва иҷтимоии тасаввуфро дар ташаккули маърифати онтологӣ ва ҷаҳонбинии тоҷикон равшан менамояд.

**Боби чоруми диссертатсия** ба таҳлили муқоисавии масъалаҳои ҳастишиносӣ дар таълимоти машшоия ва тасаввуф бахшида шудааст. Ҳадафи асосӣ бар он равона шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ чун Худо ва олам, вақт ва фазо, ҳаракат ва инсон бо нуқтаи назари файласуфони машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуф муқоиса карда шаванд. Диссертант нишон медиҳад, ки машшоиён ба маърифати ақлонӣ ва таҷрибаи ҳиссӣ такя намуда, инсонро соҳибихтиёр ва муҳитро омили таъсиргузор дар ташаккули шахсият медонистанд. Баръакс, дар калом мақоми инсон маҳдуд арзёбӣ гардида, рисолати ӯ асосан ба омодагӣ барои ҳаёти охират марбут дониста мешуд. Дар тасаввуф бошад, инсон ва Худо ҳамчун як ҳастии ягона тасаввур шуда, худшиносӣ ва худошиносӣ бо ҳам пайвастаанд. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки бо вуҷуди тафовутҳо, ҳар ду равия дар рушди тафаккури фалсафӣ ва маънавии тоҷикон нақши ҳалкунанда бозидаанд. Дар маҷмӯъ, боби чаҳорум робита ва фарқияти ду анъанаи бузурги фалсафӣ ва ирфониро равшан сохта, заминаи густариши афкори минбаъдаро таъмин намудааст.

**Хулосаи рисола.** Диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович тахти унвони «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ)» як таҳқиқоти густурда ва низомманд мебошад, ки ба омӯзиши яке аз муҳимтарин самтҳои таърихи фалсафаи миллӣ равона шудааст. Дар он масъалаҳои калидии онтология чун ҳастӣ ва нестӣ, моҳият ва маърифат, ҳаракат, вақт ва фазо бо такя ба осори машшоияи шарқӣ ва тасаввуф мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки машшоия ва тасаввуф, сарфи назар аз ихтилофи равишҳо, дар ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва рушди тафаккури фалсафӣ нақши муассир доштаанд. Машшоиён бо такя ба мантиқ ва бурҳон сохтори умумии воқеиятро тавсиф намудаанд, дар ҳоле ки сӯфиён бо такя ба таҷрибаи ботинӣ ва маърифати ирфонӣ ба кашфи ҳақиқат рӯ овардаанд.

Таҳқиқ равшан месозад, ки робита ва ҳамзамон ихтилофи ин ду равия ба ташаккули низоми мураккаби фалсафӣ ва маънавии тоҷикон мусоидат намуда, барои рушди минбаъдаи фалсафа дар ҷаҳони ислом ва берун аз он замина гузоштааст. Хулосаҳои асосӣ дар бораи мафҳуми ҳастӣ, робитаи ҳастӣ ва тафаккур, ҷойгоҳи инсони комил, нақши сайру сулук ва дигар мафҳумҳои калидӣ навоварии илмӣ доранд ва барои бознигарии дубораи мероси фалсафии миллӣ аҳаммияти хосса касб менамоянд.

Дар маҷмӯъ, рисола ба талаботи як кори илмии мустақил ҷавобгӯ буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи фалсафӣ, таълимоти донишгоҳӣ дар бахшҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ, инчунин барои мутахассисони соҳа ҳамчун заминаи илмӣ хизмат кунанд.

6. **Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмии назаррас мебошад, зеро масъалаҳои калидии ҳастишиносӣ дар робита бо ду равияи муҳим – машшоияи шарқӣ ва тасаввуф бо усули муқоисавӣ таҳлил шудаанд. Ин гуна баррасӣ имконият фароҳам меорад, ки равобити дохилии фалсафаи исломии асримиёнагӣ ва нақши он дар ташаккули тафаккури фалсафии тоҷикон бо диди нав арзёбӣ гардад.

Аҳаммияти амалӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои такмил ва ғанисозии барномаҳои таълимии донишгоҳӣ дар самтҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, ин пажӯҳиш барои омӯзиши минбаъдаи ирфон ва масъалаҳои марбут ба робитаи ақл ва маърифати ботинӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии диссертатсия низ қобили таваҷҷуҳанд, зеро баррасии таълимоти ахлоқӣ ва маънавии машшоияи шарқӣ ва тасаввуф ба фаҳмиши амиқтари арзишҳои миллӣ ва нақши онҳо дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунад. Ин таҳқиқ

метавонад барои таҳкими ҷаҳонбинии солим, густариши фарҳанг ва тақвияти худшиносии миллӣ аҳаммияти амалӣ дошта бошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия на танҳо ба илм саҳми назариявӣ мегузорад, балки барои муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ арзиши амалӣ ва татбиқӣ пайдо мекунад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар шакли 1 монография, 1 дастури таълимӣ ва 29 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд. Аз байни онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор ёфтааст. Ин нашрияҳо имкон фароҳам овардаанд, ки дастовардҳои диссертант ба муҳокимаи ҷомеаи илмӣ пешниҳод шуда, аз назари муҳаққиқони соҳа арзёбӣ гарданд.

Мақолаҳо асосан ба масъалаҳои калидии ҳастишиносӣ, робитаи байни машшоия ва тасаввуф, нақши ирфон дар ташаккули маърифати фалсафӣ ва ҷойгоҳи инсон дар низоми ҷаҳонбинӣ бахшида шудаанд. Нашри натиҷаҳо дар чунин сатҳ гувоҳи он аст, ки кори илмӣ на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки ба талаботи муосири пажӯҳиши академӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ин таҷрибаи нашр, аз як тараф, ба мустаҳкам гардидани эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат кардааст ва аз ҷониби дигар, имконият додааст, ки таҳқиқ дар муҳити илмӣ санҷида шуда, аз нигоҳи назариявию методологӣ баҳогузорӣ гардад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти пешниҳодгардида бо натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, инчунин бо сатҳ ва сифати иҷрои худ, пурра ба талаботи ихтисоси 09.00.03 – «Таърихи фалсафа» мутобиқат дорад. Диссертация тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва талаботи моддаҳои 31–35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқ аст. Илова бар ин, мавзӯи таҳқиқ бо самтҳои дар бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, таҳти №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ барои солҳои 2021–2025» пешбинишуда иртиботи мустақим дорад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар баъзе маврид ҷумлаҳо бисёр тӯлонӣ ва пурбор ҳастанд, ки хонанда маҷбур мешавад онҳоро чанд бор бихонад.
2. Тартиби иқтибосҳо яксон нест — баъзе номҳо бо алифбои сирилик, баъзе бо лотин оварда шудаанд; зарурати ягонасозӣ мавҷуд аст.
3. Агар нуқтаи назари Ҳаким Саноӣ ё Абӯсаиди Абулхайр низ ҷалб мегардид, муқоиса боз ҳам ғанитар мешуд.

Эзоҳҳо ва камбудиҳои қайдгардида ҷузъӣ буда, ба арзиши назариявию амалӣ ва аҳаммияти илмии диссертатсия ва ба муҳтавои умумии тадқиқот таъсири манфӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович таҳти унвони «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ)» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 –

Таърихи фалсафа бо сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Аз ин лиҳоз, муаллифро метавон сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси мазкур донист.

**Муқарризи расмӣ:**


Доктори илмҳои фалсафа, дотсент,
декани факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Зикирзода Ҳ.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Мехкалон 50, хонаи 50/ А.
Тел.: (+992) 918 85 40 54
E-mail: mail. ru


Имзои Зикирзода Ҳобилро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.


**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,121
Тел: +992 2241383
Почтаи электронӣ: tgpu.tj


«27» августи соли 2025